«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"
д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р.
________________
«__» ____02____ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илме, ки таҳқиқот иҷро шудааст.**

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст, ки он ба Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ва бандҳои нишондодашудаи 2.14; 3.20; 3.22; 3.25 ва 5.2 мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамӣ ва муҳимии мавзуи таҳқиқот.**

Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ раванди таъмини сармоя барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад, ки ба таҳия, навсозии дороиҳо ё тавлиди маҳсулоти нав нигаронида шудааст. Манбаъҳои асосӣ сармояи худдӣ, қарзҳои гирифташуда, захираҳои ҷалбшуда ва маблағгузории давлатӣ маҳсуб меёбанд. Интихоби манбаъ аз ҳадафҳо, миқёс, муҳлати зарурӣ ва майли сармоягузор ба хатар вобаста аст. Дар шароити имрӯза, аксар вақт модели омехта истифода мешавад, ки маблағгузории дохилӣ ва беруниро барои баланд бардоштани устуворӣ муттаҳид мекунад. Яке аз шартҳои асосии татбиқи бомуваффақияти фаъолияти сармоягузорӣ – ин маблағгузории дурусти он мебошад. Воқеан, маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун маҷмӯи чораҳо ҷиҳати дарёфт ва интихоби захираҳои зарурӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сармоягузорӣ ва самаранокии тамоми раванди сармоягузорӣ фаҳмида мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дастгирии молиявӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ нақши калидӣ

дошта, васеъшавии доираи истеҳсолотро таъмин мекунад. Нуқтаҳои болозикр мубрам будани таҳқиқи илмии мавзуи дисертатсияро тасдиқ менамоянд.

Таҳқиқоти иҷрошуда ба бандҳои алоҳидаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2030, барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ тасдиқшудаи давлатӣ, Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҳамоҳанг мебошад.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз муайянкунии ҷанбаҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Нуқтаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳолатҳои зерин ифода ёфтаанд:

- муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва механизми татбиқи маблағгузории равандҳои сармоягузориро дар шароити бозор ҳамчун шарти инкишофи самарабахши фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи дастгирии молиявии давлатӣ, самтҳои ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси ташаккулёбии иқтисодиёти рақобатпазир, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар заминаи таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки механизми маблағгузорӣ муайяну ошкор кардааст;

- муҳаққиқ хусусиятҳои махсуси маблағгузории ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар шароити ташаккул ва рушди механизмҳои бозорӣ истифодаи захираҳои фаровони табиӣ, суботи макроиқтисодӣ устувории фаъолияти низоми молиявӣ, инчунин, таъмини динамикаи рушди соҳаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ мушаххас намудааст, омилҳои ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таъсиррасонро дар заминаи таҳлили истифодаи самараноки шартҳои рушди фаъолияти дақиқ, ташкили инфрасохтори муосири бозори молиявӣ ва истифодаи васеи имкониятҳои ҷойдоштаро дар заминаи пешгирии хавфҳо ва тарафҳои заифи фаъолияти сармоягузорӣ ошкор кардаас;

- ба муаллиф муяссар гардидааст, то дар рафти таҳқиқот усулҳои арзёбии иқтисодии маблағгузории фаъолияти сармоягузории воқеи дар заминаи пешниҳоди маблағ ва таҷҳизот, рушди инфрасохтори бунёди бозорҳои нави маҳсулот, ташаккулёбии иқтисоди сабз ва

ічунин, рақамикунонии фаъолияти хоҷагидории кишвар асоснок ımояд;

- воситаҳои беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти ,рмоягузорӣ муайян гардида, роҳҳои баланд бардоштани нақши ıвлат дар ин самт, аз тариқи баланд бардоштани самараноки танзими ıвлатии маблағгузории сармоягузорӣ, имтиёзҳои андоз, сиёсати 'русти молиявӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ, ıнақшагирии стратегӣ асоснок гардидаанд.

Ҳамин тавр, бандҳои навгониҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти ıзариявӣ ва амалӣ буда, қабул ва истифодаи онҳо ҷиҳати таҳкими ıблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар мусоидат :намоянд.

**4. Дараҷаи асосонокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву ıшниҳодот.**

Муаллиф бо истифода аз усулҳо ва абзорҳои умумии илмӣ, аз 'мла абстраксияи илмӣ, усулҳои муқоиса, таҳлили миқдорӣ, синтез равиши муқоисавӣ, таҳлили иқтисодию оморӣ, муқаррароти надҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлилии Вазорати ıшди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии рмоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ıводи таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ, монографияҳо, ıчунин, корҳои илмии олимони ватанию хориҷиро оид ба омӯзиши ıсъалаҳои ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ таҳқиқ намуда, ıшниҳоду хулосаҳои асоснок ва хусусияти навгонидошта таҳия мудааст.

Бояд қайд намоем, ки дастгоҳи илмии таҳқиқот устувор буда, йни ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот алоқаи зич ҷой рад. Навгониҳои илмие, ки муаллиф ба даст овардааст, тасдиқи ,рзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд. Дараҷаи саҳеҳии тиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро маълумотҳои дақиқи оморӣ, тифодаи маълумоти кофӣ оид ба маблағгузории фаъолияти рмоягузорӣ тасдиқ менамоянд.

**5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи мукаммалии таҳқиқоти ссертатсионӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, лоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва мақолаҳои муаллиф оид ба взуи таҳқиқот иборат аст. Матни диссертатсия 171 саҳифаи чопиро р бар гирифта, аз 25 ҷадвал, 4 расм ва 2 диаграмма иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқот дар ...кя ба Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ...уҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ асоснок ...рда шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки яке аз вазифаҳои муҳими ...р як давлат тақвияти равандҳои сармоягузорӣ ва рушди ҳамкории ...рмоягузорӣ бо шарикони рушд мебошад. Фароҳам овардани муҳити ...усоид бошад, пеш аз ҳама тавассути маблағгузорӣ ва ...васмандгардонӣ ба даст оварда мешавад (саҳ. 4-5).

Қисмати муқаддимаи таҳқиқот инчунин мақсад, вазифаҳо, объект, ...едмет, асосҳои назариявию методологӣ, аҳамияти назариявию ...малӣ, навгонии илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати ...иссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби ...араҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои ...иссертатсия, инчунин дигар ҷиҳатҳоро дар бар мегирад (саҳ. 6-12).

**Боби якуми диссертатсия «Ҷанбаҳои методологии ташаккулёбии ...аблағгузории равандҳои сармоягузорӣ»** унвон гирифтааст. Дар ин ...исмати таҳқиқот (саҳ.14-60) заминаҳои назариявии маблағгузории ...авандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозор, механизми амалкарди ...рмоягузоорӣ ва масоили ҳавасмандгардонии давлатии ...аблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таҳқиқ шудааст.

Дар зербоби 1.1. (саҳ. 14-30) оид ба фаъолияти сармоягузорӣ ...авқеи иқтисодчиёни ватанӣ ба монанди Л.Ҳ. Саидмуродов, Д.О. ...андиёрова, М.Н. Худоиев, Р.М. Мирбобоев, М.С. Содиқов, А.И. ...афаров, А.Б. Мирсаидов ва Б.С. Музаффаров, инчунин нуқтаи ...азари муаллифони хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. ...аъдан, дар матни ин зербоб (саҳ.15-16, ҷадвали 1.1.) сармоягузорӣ ...уруҳбандӣ карда шуда, равишҳои назариявӣ оид ба мафҳуми ...рмоягузорӣ ва маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ба низоми ...уайян дароварда шудааст (саҳ.21-22, ҷадвали 1.2.) ва сарчашмаҳои ...сосии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шакли расм таҳия ...ардидаанд (саҳ. 24, расми 1.1.).

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ба хулосае омадааст, ...и маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ раванди таъмини маблағ ...арои фаъолияти инвеститсионӣ мебошад. Ҳамчунин иброз медорад, ...и маблағгузории сармоягузорӣ метавонад аз ҳисоби маблағҳои худӣ ... бо роҳи ҷалби маблағҳои қарзӣ амалӣ карда шавад (саҳ. 22, расми ...2.).

Дар зербоби 1.2 (саҳ. 31-43) фаъолияти сармоягузорӣ ва
iеханизми татбиқи он дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ
аҳқиқ гардида, доираи таҳқиқот омӯзиши амиқи ҳаракати
армоягузориро дар иқтисоди бозорӣ (расми 1.2.), пешниҳоди
армоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 1.3.),
охтори сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро
ҷадвали 1.4.) фаро мегирад.

Зербоби 1.3 (саҳ. 44-60) ба омӯзиши ҳавасмандгардонии давлатии
iаблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар низоми иқтисодиёти
иллӣ нигаронида шудааст. Нуқтаи назари иқтисодчиён: В.
Стаффорд, Ҷ. Локк, А. де Монкретйен, Т. Манн, Ф. Кейтан, Ж. Мут, Р.
Берроу, Р. Лукас, Н. Уоллес, Т. Сарджент, Л. Лейдерман, П. Минфорд
а дигарон оид ба танзими фаъолияти сармоягузорӣ омӯхта шудааст.
Дар ин қисмат шаклҳои асосии танзими давлатии фаъолияти
армоягузорӣ, махсусияти ҳавасмандгардонии молиявии давлатии
раъолияти сармоягузорӣ, тавсифи қиёсии механизми танзимкунандаи
iолиявӣ, усулҳои ҳавасмандгардонии маблағгузории фаъолияти
армоягузорӣ дар шароити бозор мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлил ва арзёбии маблағгузории раъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ. 61-113)
iаблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити кунунӣ ва
милҳои ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таъсиррасон
аҳлил карда шуда, иқтисодии маблағгузории сармоягузории воқеӣ
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст.

Зербоби 2.1. (саҳ. 61-82) таҳқиқи маблағгузории равандҳои
армоягузориро дар шароити кунунӣ дар бар гирифтааст. Муаллиф
дар ин самт нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ба маблағгузории
равандҳои сармоягузорӣ мусоидаткунанда, тақсимоти маблағҳо аз
рӯйи соҳаҳо дар доираи Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои
солҳои 2016-2020, сармоягузории мустақими хориҷӣ, ҷалби сармояи
хориҷӣ ва дигар намуди сармоягузориҳоро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии
Тоҷикистон таҳқиқ кардааст.

Зербоби 2.3. (саҳ. 83-100) ба таҳлили омилҳои маблағгузории
раъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.
Дар ин зербоб як қатор омилҳо ошкор гардиданд, аз ҷумла таназзули
тулонии иқтисодӣ, коҳиши ҳаҷми пасандозҳои миллӣ, равандҳои
таваррум ва заиф шудани устувории пули миллӣ. Дигар ҳолатҳое, ки
боиси ба вуҷуд омадани омилҳои таъсиррасон ва ё маҳдуднамоии онҳо

гардидаанд, мавриди таҳқиқ карор гирифтаанд, ба монанди маблағгузориҳои қарзии низоми бонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд аз рӯйи шакли моликият дар солҳои 2015-2023, ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи соҳаҳо дар солҳои 2021-2023. Ҳамчунин ба муаллиф муяссар гардидааст, то SWOT-таҳлили маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ гузаронад.

Дар зербоби 2.3. (саҳ. 101-114) маблағгузории сармоягузории воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ баҳодиҳӣ карда шудааст. Дар матни ин қисмати диссертатсия сохтори байналмилалии сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таснифи ҷараёнҳои молиявӣ, сатҳи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ нисбат ба ММД, сармоягузориҳо ба бахши воқеӣ давоми солҳои 2017-2023 таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

**Боби сеюми таҳқиқот (саҳ. 115-148) ба мукаммалнамоии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** нигаронида шудааст. Муҳаққиқ дар ин боб шароиту имкониятҳои беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузориро дар шароити бозор муайян намуда, равишҳои баланд бардоштани нақши давлатро дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ошкор кардааст.

Зербоби 3.1 (саҳ. 115-132) мавқеи назариявӣ ва ҷиҳатҳои амалиро оид ба низоми беҳтарсозии маблағгузории фаъолияти сармоягузориро фаро мегирад. Ба муаллиф муяссар гардидааст, то усулҳои беҳтарсозии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳаҷми маблағгузориро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, ҳолату динамикаи нишондиҳандаҳоро дар ин самт дақиқ кунанд. Ҳамчунин дар ин қисмат чораҳои давлатиро ҷиҳати мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани муҳити муносиб барои сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ муайян ва ошкор созад.

Дар зербоби 3.2 (саҳ. 132-148) муаллиф равишҳои муносиби баланд бардоштани нақши давлатро дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ошкор ва баррасӣ намудааст. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти дар ин самт иҷрошуда, унсурҳои механизми татбиқи сиёсати сармоягузорӣ ва механизми татбиқи сиёсати сармоягузории давлат муайян гардида, тадбирҳои муассири татбиқашон муҳим, ки ҷиҳати таъмини муҳити мусоиди иқтисодӣ ва фазои созгори молиявӣ мусоидат менамоянд, мушаххас гардонида шудаанд. Ҳамчунин,

самтҳои фаъолгардонии нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дақиқ гардиданд.

Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки давлат барои тақвияти равандҳои сармоягузорӣ, васеъ кардани шуғли самаранок ва беҳтар кардани иқтисоди воқеӣ шароит фароҳам меорад. Табиист, ки чунин чораҳои давлатӣ махсусан дар замони бӯҳрон самаранок мебошанд. Тавре ки маълум аст, барномаҳои иқтисодӣ ва стратегияҳои миллӣ асосан барои беҳтар кардани инфрасохтори муосир хизмат мекунанд.

**Хулоса ва пешниҳод (саҳ. 149-153) н**атиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар бар мегирад. Хулосаю пешниҳодҳои муаллифи таҳқиқот аз натиҷаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия муайянгардида бар меоянд ва онҳо ба ҳадафу навгониҳо ҳамоҳанг мебошанд.

**6. Эродҳо оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

1. Дар саҳифаи 16-уми диссертатсия (ҷадвали 1.1.) ибораи инвеститсия дар шаклҳои нетто – инвеститсия, реинвеститсия, брутто – инвеститсия оварда шудааст. Ба ақидаи мо, хуб мешуд, агар дар таҳқиқот варианти тоҷикии мафҳумҳои зикршуда истифода мегардид.

2. Сифати кори таҳқиқотӣ беҳтар мегардид агар дар он раванди сармоягузориҳо дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат мавриди таҳқиқ қарор дода мешуд ва таҷрибаи минтақаҳои пешрафта барои дигар минтақаҳо тавися мегардид.

3. Рақамҳои омории баъзе ҷадвалҳо як давраи муайянро дар бар намегиранд. Барои муайян ва ошкор кардани мушкилоти мавҷуда ва тамоюли омилҳои таъсиррасон, ягонагии давраи таҳлилшаванда муҳим арзёбӣ мегардад.

4. Моҳияти диссертатсия беҳтар мегардид агар муаллиф дар баробари давлат дигар субъектони маблағгузорро дар фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳиссаи онҳоро дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян ва ошкор менамуд.

5. Муаллиф агар ҳиссаи давлатро дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ба факту рақамҳо дар шакли ҷадвал ва ё диаграмма омода менамуд ва онро шарҳ медод, сифати таҳқиқотро боз ҳам беҳтар мегардонид.

6. Муаллиф дар ҷадвали 2.3. - Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ аз ҷониби кишварҳои шарик аз солҳои 2010 то аввали соли 2023-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар баробари ин, беҳтар

мегардид агар ба кадом соҳаҳо таваҷҷуҳи зиёд доштани сармоягузоронро аниқ ва сабабҳои онро муайян менамуд.

**Хулоса:** Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва онҳо дараҷаи илмӣ ва арзиши диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани тавсияҳои болозикр метавонад ҷиҳати такмили равишҳои методӣ, устуворгардонии ҳисобҳои таҳлилии таҳқиқот ва эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия мусоидат намояд.

**7. Тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Дар самти мавзуи диссертатсия 12 адад мақолаи илмӣ нашр шудааст, ки 7 адади он дар журналҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Натиҷаҳо ва ҷанбаҳои асосии кори диссертатсионии тақризшаванда дар конфронсҳои илмии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ давоми солҳои 2018-2025 баррасӣ ва муҳокима гардидаанд. Интишороти муаллифи таҳқиқот ба диссертатсия мутобиқ буда, мазмун ва мундариҷаи онро ифода менамоянд.

**8. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.** Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия шуда, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.**

Аз рӯи санадҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Сафаров Илҳом Нурмаҳматович бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд.

**10. Хулосаи умумӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст ва дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст.

Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шиносномаи номгӯйи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида мебошад ва ба талаботи бандҳои 14 ва 15-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Тақризро омода намуд:** н.и.и., дотсент Султонов М.С. дар ҷаласаи кафедраи молияи Муассисаи давлатии Доңишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима карда шуд.

Суратҷаласаи кафедра №7 аз 07 феврали соли 2026.

Натиҷаи овоздиҳӣ: дар ҷаласаи кафедраи молия иштирок доштанд: 15 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 15 нафар.

Овоз доданд: тарафдор 15 нафар, зид нест, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа,**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав — Раҳимов П.С.

**Ташхисгар,**
н.и.и., дотсенти, кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав — Султонов М.С.

**Котиби ҷаласа,**
Доктор PhD, дотсени кафедраи
молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав — Гулов Б.М.

*Имзоҳои Раҳимов П.С., Султонов М.С. ва Гулов Б.М.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав" — Нажмидинов М.М.

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*